Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон (734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30)

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
доктори илмҳои техникӣ, дотсент
__________ Амонзода И.Т.
«27» 02 с.2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Кори диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз ҷумла:

1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усуслҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ;

1.7. Хусусиятҳо ва мушкилоти таъсисдиҳии корхонаҳои хӯрди инноватсионӣ дар пойгоҳи ташкилоти буҷавии илмӣ ва таълимӣ;

1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ;

1.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва усулҳои баҳодиҳии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Тамоми давраҳои иҷроиши таҳқиқоти илмӣ аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсаду вазифаҳои гузоштташуда ва иҷрои бевоситаи он аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти

диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ (солҳои 2015-2021) пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некуаҳволии аҳолӣ» (15 декабри соли 2015) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Нақши интегратсияи илм, инноватсия ва технология дар рушди иқтисодии кишварҳо» (соли 2016) дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» (соли 2020) дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор дода шуда, сазовори баҳои мусбӣ гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмии муаллиф аз ҷумла 4 мақола дар маҷалла ва нашриёҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаву нашриёҳо, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд:

**Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**


1. Сафаров З.А. Мафҳум, моҳият ва аҳамияти иқтидори инноватсионии МТОК // Паёми ДМТ. - Душанбе 2018, № 5- С.132 –137
2. Сафаров З.А. Рушди иқтидори зеҳнӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ. - Душанбе 2018, № 7 - С.91 – 96.
3. Сафаров З.А. Рушд ва тадбиқи иқтидори инноватсионӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли иқтидори кадрии мактабҳои олӣ) // Паёми ДМТ. - Душанбе 2018, - № 8 – С.91 – 96.
4. Сафаров З.А. Каримов Г.У., Файзиддини З., Зарурияти рушди инноватсионии соҳаи маориф ва сохтори иқтидори инноватсионии МТОК // Паёми ДМТ. – Душанбе 2020 - №6. С.63–68.


**Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**


5. Сафаров З.А. Нақши иқтидори инноватсионии МТОК дар баландбардории рушди инсонӣ/ Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некуаҳволии аҳолӣ». - Душанбе ҶДММ «Эр - граф» 2016. С. 197 – 201.

6. Сафаров З.А. Сущность и значение инновационного потенциала вуза и методы его оценки/ Материалы международной научно – практической конференции «Роль интеграции науки, инновации и

технологии в экономическом развитии стран», «Кайхон», Душанбе 2016. С.235 –240.

7. Сафаров З.А., Кабутов К.Р., Инновационный потенциал вуза и методические основы его оценки/ Вестник Технологического университета
Таджикистана. Душанбе-«Бахманруд» 2016 - 1 (26). С.181 – 188.

8. Сафаров З.А. Моҳият ва зарурияти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе 2017. С.195 –198.

9. Сафаров З.А. Тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ”, Кӯлоб 2020. С. 500 – 502.

10. Сафаров З.А., Рустамова Г.Н., Ашурова Д.Х. Дастгириҳои давлатии иқтидори илмӣ-инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ/Маҷаллаи илмӣ-оммавии “Илм ва технологияи асри XXI” – и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Кӯлоб 2020 - № 3 (3). С. 116 – 121.

**Натиҷаи мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии вазъи имрӯзаи иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омилҳои ба рушди он таъсиркунанда, бунёд ва такмили инфрасохтори инноватсионӣ, тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ-техникӣ дар онҳо мебошад. Натиҷаҳои назаррасе, ки унвонҷӯ Сафаров Зулфиқор Азаматович дар натиҷаи таҳқиқи таҳлили амиқ масъалаи мазкур мустақиман ба даст овардааст, ки онҳо навоварии илмии кори диссертатсиониро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборат мебошанд:

- муқаррароти назариявии моҳияти иқтисодии иқтидори инноватсиоӣ асоснок карда шуда, сохтори иқтидори инноватсионӣ бо назардошти ҷузъҳои захиравӣ, функсионалӣ ва сохти зинанизомӣ дар МТОК муайян карда шуда, аниқ карда шуд, ки дар баробари усули ғайрифаъоли таълим дар МТОК-и ҷумҳурӣ ҷори намудани усули фаъол, интерактивӣ ва дигар усулҳои инноватсионнии таълим бамаврид аст;
- дар асоси арзёбии вазъи кунунии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҷузъи захиравии иқтидори инноватсионӣ (кадрӣ, молиявӣ, моддию техникӣ, инфрасохторӣ ва

нуфузӣ), маҷмӯи таҳдидҳо ва хатарҳое, ки ба татбиқи иқтидори инноватсионии мактабҳои олии касбӣ монеа мешаванд муайян карда шуданд. Дар асоси пурсишнома омилҳое, ки ба рушди иқтидори инноватсионии МТОК таъсир мерасонанд, муайян ва асоснок карда шудаанд;

- арзёбии маҷмуии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳолати кунунии ҷузъҳои захиравии он (аз рӯи самти фаъолият ва таъминоти захиравӣ) бо истифода аз 7 принсипи рушди МТОК (бо назардошти тағйироту иловаҳо) гузаронида шуда, инчунин дараҷаи сохтории иқтидори инноватсионии МТОК бо назардошти таснифи муаллифии нишондиҳандаҳои функсионалии объекти сохтори захиравӣ, сикли ҳаётӣ асоснок карда шуд;

- ҷузъҳои раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии МТОК мушаххас гардида, роҳҳои ҳалли он пешниҳод ва омилҳои ки ба раванди тиҷоратикунонии НФИД таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд. Инчунин механизми самараноки татбиқи моликияти зеҳнӣ дар се шакли ҷалби он ба иқтисодиёт: 1) дар шакли иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 2) дар шакли фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба сифати дороиҳои ғайримоддӣ дар амалиётҳои гаравӣ; 3) дар шакли ҳимоя дар намуди патент, иҷозатномаҳо (лицензия), тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ ва ғайра пешниҳод карда шуд;

- афзалиятҳои татбиқи фаъолияти инноватсионии МТОК бо дарназардошти таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар фаъолияти илмӣ шароити муассир фароҳам оварда метавонад, асоснок карда шудаанд. Муайян карда шуд, ки вазъи кунунии инфрасохтори инноватсионии донишгоҳ ба таҷдид ва такмил ниёз дорад ва дар ин росто оид ба беҳтар намудани инфрасохтори инноватсионӣ тавсияҳо дода шуда, инчунин модели намунавӣ барои ташкили инфрасохтори инноватсион дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

- шакл ва усулҳои самараноки механизмҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК, аз қабили шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва модели «спирали сегона» таҳия ва асоснок карда шудааст.

Қисматҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявӣ-методологии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли амалӣ оид ба бартараф намудани мушкилотҳои ошкоршуда иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ истифода бурд. Дар самти интихоби масъалаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди

иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд, ки онҳоро ҳамчун шарт ва заминаи такмили низоми миллии инноватсионии ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷа ва хулосаҳоро аввалан метавон ба мақсади ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ, таъсиси корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ғайр аз ин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ ва (ё) илмию техникӣ» пешниҳод шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович аз рӯйи Шиноснома ба ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунииинноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин ба талаботи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (рамзи ихтисосҳо: соҳаи илм, гурӯҳи ихтисосҳо, ихтисос; соҳаи илме, ки аз рӯйи он дараҷаи илмӣ дода мешавад), ки бо талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

**Дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад:

1) Дар зербоби 1.1. муаллиф дар масъалаи таҳқиқи вожаи инноватсия, иқтидори инноватсионии муассиса аз олимони хориҷӣ бештар иқтибос овардааст аз олимони ватанӣ камтар. Аз ин рӯ беҳтар мебуд, ки иқтибос аз олимони ватанӣ зиёдтар оварда мешуд.

2) Дар зербоби 1.3. таҷрибаи пешрафтаи самти рушди иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои муттараққӣ (ИМА, Олмон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Кореяи Ҷанубӣ) бештар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Агар диссертант таҷрибаи давлатҳои ИДМ-ро бештар мавриди таҳлил қарор дода бо таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили қиёсӣ менамуд сифати корро боз ҳам беҳтар менамуд.

3) Агар дар зербоби 3.1. маблағҳои ба дастомада аз ҳисоби тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти олии

касбии Ҷумҳурӣ дар шакли ҷадвал ё диаграммаҳо инъикос ва мавриди таҳлил қарор дода мешуд, боз ҳам аҳамияти илмии кори диссертатсиониро бой мегардонид.

4) Хулоса ва тавсияҳо коркард мехоҳанд.

5) Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии кори диссертатсиониро тағйир намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ дошта, муаллифи он Сафаров Зулфиқор Азаматович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/м №6, аз 25 феврали соли 2023).

**Раиси ҷаласа,**
Мудири кафедраи менеҷменти
инвеститсионӣ ва маркетинги
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Бегмуродов С.Ш.

**Ташхисгар,**
и.в профессори кафедраи менеҷменти
инвеститсионӣ ва маркетинги
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Тошматов М.Н.

**Котиби ҷаласа,**
саромӯзгори кафедраи менеҷменти
инвеститсионӣ ва маркетинги
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Маҷидов Ф.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, куч Н. Қаробоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тел: (+99237) 234-79-87. E-mail: www.tut.tj

Имзоҳои Бегмуродов С.Ш., Тошматов М.Н., Маҷидов Ф.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.